**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Изатулоев Сафарали дар мавзуи “Рушду инкишоф ва маҳсулнокии буққачаҳои генотипашон гуногун дар шароити парвариши чарогоҳӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.**

Соҳаи чорводорӣ яке аз соҳаҳои асосии Комплекси агросаноатӣ буда аҳолиии мамлакатро бо маҳсулоти гӯшти хушсифати ватанӣ таъмин намуда, дар таъмини амнияти озуқаворииі кишвар саҳми босазо дорад.

Бояд гуфт, ки чорводорӣ манбаи асосии истеҳсоли шир ва гӯшт буда, маҳсулотҳои номбаршуда аз ҳисоби парвариши чорвои зотҳои ширдеҳ, ширу гӯштдеҳ ва гӯштӣ истеҳсол карда мешавад.

Масалан, зоти қазоқии сарсафед дар тараққӣ додани чорводории гӯштии Тоҷикистон аҳамияти калон дорад. Ин зоти чорво аз сабаби маҳсулнокии баланди гӯштӣ ва тобовар буданаш ба шароити хоси иқлимии мамлакатҳои Осиёи Миёна, инчунин дар Ҷумҳурии Қазоқистон ва Федератсияи Руссия низ паҳн шудааст. Солҳои охир зоти қазоқии сарсафед аз рӯи хусусиятҳои асосии иқтисодию биологие, ки самаранокии парвариши онро муайян мекунанд, дар усулҳои селексионии дохилизотӣ истифода бурда мешавад.

Аз ин лиҳоз, дар солҳои охир корҳои селексионӣ бо зоти қазоқии сафед тавассути интихоб ва ҷуфткунонии дохилизотӣ аз рӯи хусусиятҳои асосии хоҷагидорию биологӣ, ки самаранокии парвариши онро муайян мекунад гузаронида шуда исодааст.

Муаллиф бо тадқиқоти худ муайян намудааст, ки имкониятҳои баланди чорвои типи тоҷикӣ ва дурагаро, ки дар шароити экстремалии ноҳияҳои баландкӯҳи ҷумҳурӣ бо роҳи дурагакунии байнизотӣ ба даст оварда шудааст, зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти гӯштиро тасдиқ мекунад. Дар натиҷа таҳлили самаранокии иқтисодии тадқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки дар чарогоҳ нигоҳ доштани буққачаҳо дар давоми сол аз таваллуд то 20-моҳа фоидаовар аст. Вазни зиндаи буққачаҳо дар вақти таваллуд дар гурӯҳи I - 20,3 килограмм, дар гурӯҳи II - 25,0 килограмм ва дар гурӯҳи III - 25,3 килограмм ё бартарии он дар гуруҳи III мутаносибан 19,8 фоиз ва 18,8 фоизро ташкил дод. Дар синни 20-моҳа ин бартарият, мутаносибан, 11,6% (15,21%) ва 13,2% (1,88%) буд. Вазни зиндаи чорвои типи тоҷикӣ 389,4 килограмм, дурагаҳо - 382,2 килограмм ва маҳаллӣ 338,0 килограммро ташкил додааст.

Автореферат бо услуби илмӣ, пайдарпай ва бо забони фаҳмо навишта шуда, мақсад, вазифаҳо, навгониҳо ва хулосаҳо бо ҳам мутобиқ мебошанд. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда пурра аз натиҷаҳои тадқиқот бармеоянд.

Хулоса: Автореферати диссертатсия дар мавзуи “Рушду инкишоф ва маҳсулнокии буққачаҳои генотипашон гуногун дар шароити парвариши чарогоҳӣ” ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

**номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти**

**кафедраи биология ва МТ они Донишгоҳи**

**давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Исуфзода Д.С.**

**Суроға: 735360, ш. Кӯлоб, кӯч.**
**С.Сафаров, 16**
**Тел:+ (992) 918747460;**
**E-mail: dilshod.19.77@mail.ru**

**Имзои Исуфзода Д.С.-ро тасдиқ мекунам:**

**сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ: Давлатов М.А.**

**16.02.2026**